**Тақриз**

**ба кори диссертатсионии Исайнова М.Ҳ. дар мавзӯи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли НТҶ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст**

Дар марҳиаи муосири рушд таъмини амнияти озуқаворӣ ва ба сатҳи худкифо расонидани он яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаб ба ҳисоб меравад. Воқеияти ҷаҳони муосир нишон медиҳад, ки такконҳои берунӣ, ба таври кулли тағйир ёфтани принсип ва шабакаҳои истеҳсол ва ҳамлу нақли маҳсулоти озуқаворӣ, ҷори намудани маҳдудиятҳои дар содироти маҳсулоти озуқаворӣ ва сатҳи баланди вобастагии бозори дохилӣ аз воридоти маҳсулоти озуқаворӣ масъалаи мазкурро мубрам сохта, заруратӣ ҳалли мушкилоти ҷойдоштаро ба миён меборад. Вобаста ба ин мавзӯи кори диссертатсионии тақризшаванда актуалӣ буда, дорои аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Таҳлил сохтор, мундариҷа ва мазсуни қисматҳои асосии кори диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки муаллиф тавонистааст таҳқиқоти худро дар сатҳи зарурӣ анҷом дода, натиҷаҳои муҳим ва назаррасро ба даст орад. Маводҳои дар таҳқиқоти мазкур ҷамъоварӣ ва таҳлилшуда аз саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқ ва таҳияи кори диссертатсионӣ шаҳодат дода, нуктаҳои муҳим ва дорои хусусияти навоварӣ арзиши илмии онро инъикос менамоянд.

Кори диссертатсионӣ дорои ҷанбаҳои мусбии зиёд буда, дар 193 саҳифаи чопи компютерӣ пешниҳод шудааст. Дорои сарсухан, 3 боб, ҳашт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда мебошад, ки фарогири зиёда аз 70 номгӯй мебошад.

Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ дар кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба чашм мерасад, ки барои бартараф намудани онҳо ва такмили таҳқиқоти анҷомшуда зарур мешуморем тавсияҳои зеринро пешниҳод созем:

1. Нақшаи кори диссертатсионӣ бояд бознигарӣ шуда, таваҷҷуҳи асосӣ ба ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ нигаронида шавад. Тавсия карда мешавад, ки нақшаи кори диссертатсионӣ бо фарогирии самтҳои зерин матраҳ шавад:

Боби 1. Асосҳои назариявию методологии таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа

1.1. Таҳаввулоти назария ва равишҳои таҳқиқи ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ.

1.2. Принципҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии таъмини амнияти озуқворӣ дар минтақа

1.3. Таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ ва коркарди тавсияҳо ҷиҳати такмили механизми минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ

Боби 2. Таҳлили ҳолати муосир ва шароитҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар НТҶ

2.1. Таҳлили иқтидор ва нақши НТҶ дар таъмини амнияти озуқаворӣ

2.2. Арзёбии сатҳи рушд ва динамикаи истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ дар НТҶ

2.3. Баҳодиҳии самаранокии занҷираи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти ғизоӣ дар НТҶ

Боби 3. Самтҳои асосии такмили механизми таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақа

3.1. Асосҳои консептуалии такмили механизми таъмини амнияти озуқворӣ дар сатҳи минтақа

3.2. Коркарди стратегияи минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ бо назардошти омилҳои экология иқтисодӣ

3.3. Таҳкими заминаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ дар асоси интенсификатсияи истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ

Хулоса ва пешниҳодот

Рӯйхати адабиёти истифодашуда

Замимаҳо

2. Мубрамияти мавзӯъ бояд бо назардошти омилҳои муассир аз қабили такконҳои беруна, вобастагии бозорҳо ба маҳсулоти воридотии озуқаворӣ ва нақши НТҶ дар таъмини амнияти озуқаворӣи шаҳрҳои бузург, махсусан шаҳри Душанбе баррасӣ карда шавад;

3. Зарурати ба таври алоҳида ишора кардан ба олимони рус вуҷуд надошта, зимнан тавсия мешавад, ки онҳо ба ду гурӯҳ: яъне хориҷӣ ва ватанӣ ҷудо карда шаванд;

4. Дар хусуси параграфи 1.2. ҳаминро қайд менамоем, ки он бояд дорои ҷанбаҳои методологии таъмини амнияти озуқаворӣ бошад. Зимнан бояд принсипҳо ва нишондиҳандаҳое мавриди таҳқиқ қарор гиранд, ки ҷанбаҳои минтақавии мавзӯи баррасишаванда инъикос менамоянд. Худтаъминкунӣ дар ин маврид яке аз принсипҳои марказии таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб рафта, муаллифро зарур аст, ки онро дар доираи принсипҳои дигар ва нишондиҳандаи минтақаро тавсифдиҳанда таҳқиқ намояд;

5. Параграфи 1.3. бештар ба таҳлили ҳолати муосир ва умдатан ба таҳқиқи таҷрибаҳои давлатҳои миллӣ равона шуда, зимнан зарурати таҳқиқи сиёсати давлатии минтақавӣ мувофиқи мақсад мебошад. Дар ин маврид муаллиф бояд собит созад, ки дар давлатҳои хориҷӣ кадом усул ва фишангҳои дастгирӣ ва ҳимояи давлатии рушди минтақаҳо вуҷуд дошта, дар самти таъмини амнияти озуқаворӣи минтақавӣ давлатҳои миллӣ аз кадом равиш ва нигаришҳо истифода мекунанд. Барои мисол, дар матни параграф бештар ба маҳдудияти воридоти маҳсулоти озуқаворӣ дар ин ё он давлат, аз он ҷумла ИМА мисолҳо оварда шудааст. Банобар ин муаллиф бояд таъкид намояд, ки аксар давлатҳо дар мавриди ҳимояи истеҳсолкунандагони ватанӣ аз сиёсати протексионистӣ истифода мекунанд, ки татбиқи амалии он дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад ҳаст ё нест.

6. Таъмини амнияти озуқаворӣ бояд бо назардошти афзалият доштани принсипҳои иқтисодиёти сабз, ғизои хушсифат ва ҳифзи захираҳои обу замин сурат гирад. Аз ин рӯ, муаллиф бояд параграфи 3.2.-

ро такмил дода, бо такя ба принсипи оқилонасозии параметрҳои ҳаҷми истеҳсолот ва истифодабарии захираҳо тавсия ва пешниҳодҳои асоснокро коркард намояд;

7. Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ низ бояд бо назардошти мақсад, вазифаҳо ва навгониҳои тадқиқот мушаххас ва пешниҳод карда шаванд.

8. Рӯйхати адабиёт низ бояд васеътар ва бо сарчашмаҳои навтарин пурра карда шаванд.

9. Матни кори диссертатсионӣ ба таҳрир ниёз дошта, зарурати дар қавс овардани калимаҳои русӣ ва ё ибораҳои байналмилалӣ вуҷуд надорад.

Дар охир ҳаминро қайд менамоям, ки кори диссертатсиониро баъди ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта барои барассӣ ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод намудан мумкин аст.

**Муқарриз, н.и.и., дотсент** **Қодиров Ф.А.**

**Имзои Қодиров Ф.А - ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори шуъбаи кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДДМИТ** **Шарипов У.А.**

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ